# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## КОДЕКСИ ОДОБИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ДУШАНБЕ-2021

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
профессор______________Хушвахтзода Қ.Х.
«________»__________________________ 2022

# КОДЕКСИ ОДОБИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИТСОН

Кодекси одоби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – Кодекси одоб) аз маҷмӯи меъёрҳо, принсипҳо ва қоидаҳои рафтор иборат буда, хислати ахлоқии фаъолияти касбии омӯзгорон, кормандон ва муҳассилинро таҷассум менамояд ва аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзишҳои эътирофшудаи ахлоқӣ ва талаботи маънавии ҷомеа бармеояд. Кодекси одоб - ин маҷмӯи фаъолияти кормандон, омӯзгорон ва муҳассилин мебошад, ки меъёрҳои ахлоқии фаъолияти хизматӣ, муносибату рафтор ва ҳисси масъулиятшиносии ғайрихизматии онҳоро танзим намуда, аз меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ, ки дар асоси он фаъолияти хизматӣ ва ғайрихизматии кормандон, омӯзгорон ва муҳассилин ба роҳ монда мешавад, иборат мебошад. Кодекси одоб бо мақсади дар сатҳи баланд ба роҳ мондани фаъолияти касбӣ ва ғайрикасбии кормандон, омӯзгорон ва муҳассилин, расидан ба ҳадафҳои ДМТ, дар сатҳи дахлдор ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба муроҷиаткунандагон, баланд бардоштани эътибор ва нуфузи ДМТ дар ҷомеа, пешгирӣ ва аз байн бурдани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, мустаҳкам намудани нуфузи ДМТ дар арсаи байналмилалӣ қабул гардидааст.

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тибқи талаботи Кодекси одоб кормандон, омӯзгорон ва муҳассилини Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст,

фармоишҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мушоварои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, фармоишҳои ректори донишгоҳ, қарорҳои Шӯрои олимони донишгоҳ ва меъёрҳои фитрии аз тарафи ҷомеа эътирофшудаи ахлоқӣ ба роҳ мемонанд.

2. Кормандон, омӯзгорон ва муҳассилини Донишгоҳи миллии Тоҷикистон вазифадоранд, ки ҳангоми адои вазифаҳои касбӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро, ки онҳоро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ҳамчун арзиши олӣ эътироф намудааст, пос доранд.

3. Кормандон, омӯзгорон ва муҳассилини Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани обрӯю эътибори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон саъю кӯшиш намуда, ухдадориҳои касбӣ ва ғайрикасбии худро содиқона ва бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ба роҳ монанд.

4. Кормандон, омӯзгорон ва муҳассилини Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бояд эътибори фаъолияти худро дар соҳаи касбӣ пос дошта, аз ҳама гуна зуҳуроти номатлубе, ки метавонад боиси коҳиши нуфузи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мегардад, канорачӯӣ намоянд.

5. Ҳангоми беасос айбдор намудани кормандон, омӯзгорон ва муҳассилини Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар содир намудани ҷиноят ва дигар кирдорҳои бадномкунанда, ӯ метавонад барои ҳифз ва нигоҳ доштани шаъну эътибор ва мақому мартабаи худ ба мақомоти салоҳиятдор мурочиат намояд.

## II. ҚОИДАҲОИ ОДОБИ КОРМАНДОН, ОМӮЗГОРОН ВА МУҲАССИЛИНИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

6. Кормандон, омӯзгорон ва муҳассилини Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои ухдадориҳои вазифавӣ ва берун аз доираи фаъолияти хизматиашон бояд:

6.1. забони давлатиро донанд, ба забони адабии расмӣ озодона сухан гуфта тавонанд, дар фаъолияти касбиашон ҳуҷҷатнигориро дар асоси меъёрҳои забони давлатӣ ба роҳ монанд ва барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ ва ғайра) кӯшиш намоянд;

6.2. ҳамеша ба такмили малака ва маҳорати касбии худ ҷаҳд намуда, донишҳои зеҳнии худро барои иҷрои вазифаҳои хизматиашон истифода баранд;

6.3. аз муқаррароти умумии қонунгузории соҳаи маориф, низомномаҳо, дастурамалҳо, қоидаҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бархурдор бошанд;

6.4. барои пешгирӣ, ошкор ва бартараф намудани сабабу шароитҳое, ки ба содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ мусоидат намудаанд, инчунин дар руҳияи масъулиятшиносӣ, риояи қатъӣ ва иҷрои

дақиқу якхелаи қонунҳо тарбия намудани шаҳрвандон ва таълимгирандагон чораҳо андешанд;

6.5. кормандон, омӯзгорон ва муҳассилини Донишгоҳи миллии Тоҷикистон содиқона ва бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ вазифаҳои худро иҷро намуда, ба унвони баланди ин боргоҳи илму маърифат иснод наоваранд;

6.6. дар муошират бо муроҷиаткунандагон, падару модарон, ҳамкасбон ва намояндагони дигар ташкилоту идораҳо хушмуомила бошанд;

6.7. аз гирифтани музди муқаррарнагардида (ба истиснои дастгирии молиявӣ ва маоши мансабӣ, ки аз ҷониби раёсати донишгоҳ бо мақсадҳои гуногун пардохт карда мешавад) барои иҷрои уҳдадориҳои худ, чӣ дар шакли моддӣ (пул, тухфаҳо) ва чӣ дар шакли ғайримоддӣ (хизматрасониҳо) худдорӣ намоянд;

6.8. муроҷиатҳои шаҳрвандонро сари вақт ва дар муҳлатҳои муқарраргардида баррасӣ намуда, ҷиҳати иҷрои талабу дархости онҳо чораҳои зарурӣ андешанд;

6.9. аз иҷрои амалиёте, ки дар он фаъолияти шаффофи ӯ метавонад зери шубҳа қарор гирад, вақте ки ба ин амалиёт пайвандони ӯ алоқаманд мебошанд ё ҳолатҳое, ки бавосита ва ё бевосита оид ба натиҷаи ин кор манфиатдор шумоаридани ӯ боис мегарданд, худдорӣ намоянд.

7. Кормандон, омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар мансаби роҳбарикунандаи муассиса фаъолият менамоянд, ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо ба зуҳуроти маҳалгароӣ ва таъини кадрҳо аз рӯи нишонаҳои садоқати шахсӣ роҳ надиҳанд.

8. Дар баробари вазифаи асосӣ ҳамзамон ба иҷрои дигар кори музднок (ба истиснои фаъолияти илмӣ, эҷодӣ ва омӯзгорӣ) машғул нашаванд.

9. Пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, баёнот ва маводе, ки ба мавзӯи санҷиш дахл надорад, талаб нанамоянд.

10. Иттилоот ва маълумоти дар ҷараёни санҷиши сохторҳои тобеъ бадастовардаро бо мақсадҳои шахсӣ ё ғайрихизматӣ истифода набаранд ва паҳн нанамоянд.

11. Кормандон, омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар сурати бо муроҷиаткунанда доштани алоқаи хешу таборӣ ва ё бо хеши вай доштани муносибати молиявӣ, набояд вазифаи худро анҷом диҳанд.

12. Дар ҳолати пайдо кардани маълумот дар бораи он ки ҳамкорони ӯ ё муроҷиаткунандагон кирдори ҷиноӣ ё хусусияти коррупсионидоштаро содир кардаанд ва ё содир карданианд, фавран ба роҳбари бевоситаашон ва ё ба мақомоти дахлдор хабар диҳанд.

13. Дар вақти муқарраргардида ба кор (ба дарс) ҳозир шаванд, дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок кунанд ва интизоми меҳнатро аз рӯи меъёрҳое, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешбинӣ

намудаанд, амалӣ намоянд. Фарҳанги истифодаи шабакаи умумиҷаҳонии интернет, аз ҷумла, шабакаҳои иҷтимоиро риоя намоянд.

14. Кормандон, омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани корҳои назоратию санҷишӣ ташаббускорона рафтор намуда, баҳри дарёфти муваффақиятҳои нави таълимӣ-тарбиявӣ чораҳо андешанд ва барои мукаммал намудани соҳаи мазкур ба раёсати ДМТ пешниҳод манзур намоянд.

15.Тарзи либоспӯшии худро тибқи Дастурамали муқарраргардида ба роҳ монанд.

16. Эҳтироми омӯзгорон, ҳамкорон, калонсолон, ҳамкасбон ва муҳассилинро ба ҷо оваранд.

## III. ФАЪОЛИЯТИ ҒАЙРИКАСБИИ КОРМАНДОН, ОМӮЗГОРОН ВА МУҲАССИЛИНИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

17. Кормандон, омӯзгорон ва муҳассилини Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ӯҳдадоранд:

17.1. қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро раҳнамои фаъолияти касбӣ ва ҷамъиятии худ қарор дода, дар татбиқи амалии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» саҳмгузор бошанд;

17.2. урфу одат ва анъанаҳои миллӣ ва анъанаҳои намояндагони халқу миллатҳои гуногунеро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сукунат доранд, эҳтиром намоянд, барои дӯстӣ ва ҳамбастагии ин халқу миллатҳо саҳмгузор бошанд;

17.3. ҳангоми гузаронидани тӯй, анъана, ҷашн ва маъракаҳо талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро бо пуррагӣ риоя намоянд;

17.4. берун аз адои вазифа аз мавқеи ҷойгиршавӣ ва мансаби хизматиашон сӯистифода нанамоянд ва шахсони дигарро ба таҳлука наандозанд;

17.5. дар гирдиҳамоӣ ва роҳпаймоии ғайриқонунӣ, ки боиси вайрон гардидани тартиботи ҷамъиятӣ мегардад, иштирок накунанд;

17.5. фарзандон ва шогирдонашонро дар рӯҳияи инсондӯстӣ, садоқат ба Ватан ва ба халқу миллат тарбия намуда, баҳри дар сатҳи дахлдор таълиму тарбия гирифтани онҳо кӯшиш намоянд.

## IV. МАСЪУЛИЯТИ КОРМАНДОН, ОМӮЗГОРОН ВА МУҲАССИЛИНИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ВАЙРОН НАМУДАНИ ТАЛАБОТИ КОДЕКСИ ОДОБ

18.Риояи номатлуби Кодекси одоб боиси дар тавсифномаи кормандон, омӯзгорон ва муҳассилини Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қайд гардидани кирдори ӯ мегардад, ки ҳангоми аз аттестатсия гузаштан, додани дараҷаи тахассусӣ, ба мукофотҳои молиявӣ, соҳавӣ,

инчунин давлатӣ пешниҳод намудан ва ба мансаби дигар гузаронидан ба инобат гирифта мешавад.

19.Барои содир намудани кирдорҳои интизомӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ кормандон, омӯзгорон ва муҳассилини Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

20.Дар сурати зарурат тибқи фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба Кодекси одоб тағйироту иловаҳо ворид карда мешавад.